ХУЛОСАИ

комисссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадии Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

1. Диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ ба масоили назария, қонунгузорӣ ва амалияи субъекти ҷиноят тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он марҳилаҳои инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, мушаххас намудани мафҳуми аломатҳои субъекти ҷиноят таҳқиқ гардидаанд. Муаллиф масъалаҳои мавриди таҳқиқ қарордоштаро бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти илмӣ пурра мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосаву пешниҳодҳои асоснок ва боэътимод расидааст. Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии субъекти ҷиноят ва аломатҳои он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал, низомнок ва амиқ мавриди омӯзиш қарор гирифта, бо такя ба таҳлили назария, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ баррасӣ шудаанд.

Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар Шурои диссертстсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат менамояд. Мубрамияти таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки рисола нахустин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки масоили субъекти ҷиноятро дар доираи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар асоси таҳлили илмии амиқ ва мукаммали аломатҳои субъекти ҷиноят, инчунин омӯзиши таҷрибаи амалии мақомоти тафтишотиву судӣ ва фаъолияти экспертизаи психиатрияи судӣ вобаста ба баррасии парвандаҳои ин гурӯҳ, муаллиф хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмии нав, дорои хусусияти навоварона, таҳия намудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот таърихи инкишофёбии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва муқаррароти амалкунандаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба субъекти ҷиноят ва аломатҳои он таҳлил гардидаанд, ки ин имкон медиҳад мавқеи қонунгузории миллӣ ба таври илмӣ арзёбӣ карда шавад. Ҳамчунин, оид ба шахси воқеӣ, синни субъекти ҷиноят ва мукаллафӣ ҳамчун аломатҳои ҷудонашавандаи субъекти ҷиноят ақидаҳои илман асоснок мавриди таҳқиқ

қарор дода шуда, бори аввал дар сатҳи доктриналӣ хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят мушаххас гардидааст.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои таҳризшавандаи Комиссияи олии аттетстаисонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо иборат буда, мувофиқи талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ» (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493) таҳия шудааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31–33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, дорои сохтор, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар рушди соҳаи мазкур равшан инъикос мекунанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳои ҳамаҷониба,

таҳлилҳои амалӣ, саҳеҳии маълумот, инчунин бо ҳаҷми кофии маводи диссертатсионӣ ва мақолаҳои илмӣ исбот гардидааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ такя намуда, аз лиҳози методологӣ асоснок мебошанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар асоси банди 60-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

– **Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедари ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол

гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Қудратов Н.А.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Абдухамитов В.А.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва
муқовимат бо коррупсияи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Раҳмонзода М.Ҷ.

Имзои Қудратов Н.А.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳї ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.
«07» 03 соли 2026.

Имзои Абдухамитов В.А.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.
«07» 03 соли 2026.

Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«07» 03 соли 2026.